## ПРОТОКОЛИ №_10_______

### ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D.KOA-113

аз “_30_”_06____ соли 2026 ш. Душанбе

**Дар ҷаласа иштирок доштанд:**
Аз 16 нафар аъзои шуро 15 нафар

**Раиси шуро:** Аз 16 нафар аъзои шурои диссертатсионӣ, ки бо фармоиши раиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 декабри соли 2025 №495/шд тасдиқ гардида, 15 нафар иштирок доранд, ки аз онхо 5 нафарашон аз руйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда ба хисоб мераванд.

Пешниҳод шуд, ки ҷаласаи шуро оғоз гузаронида шавад. Муҳтарам аъзоёни шуро, ягон пешниҳоди дигар нест? Нест.

Касе ҷонибдори он бошад, ки кори шуро оғоз карда шавад, хоҳиш менамоям, мавқеи худро муайян намояд. Муқобил, бетараф? Нест. Якдилона қабул гардид.

### РУЗНОМАИ ҶАЛАСА:

Ба ҳимоя иҷозат додани диссертатсияи Сафарова Фируза Мадабидовна дар мавзуи “Методикаи арзёбии дониши хаттии довталабон дар асоси натиҷаи имтиҳонҳои марказонидаи дохилшавӣ ба муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёна ва олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон – кори хаттӣ (эссе)” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.5.3. – Назария ва методикаи таълими забони тоҷикӣ.

### ШУНИДА ШУД:

Раиси комиссияи экспертӣ Негматов Садуллоҷон Эргашевич ва аъзои комиссияи экспертӣ Ҳомидзода Дилмурод Ражаб, Солеҳов

Мирозо Одинаевич ба диссертатсияи Сафарова Фируза Мадабидовна дар мавзуи "Методикаи арзёбии дониши хаттии довталабон дар асоси натиҷаи имтиҳонҳои марказонидаи дохилшавӣ ба муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёна ва олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон – кори хаттӣ (эссе)" ибрози андеша намуда, қайд карданд, ки диссертатсияи мазкурро барои ба ҳимоя қабул намудан мумкин аст.

Шурои диссертатсионӣ хулосаи мусбати комиссияи экспертиро оид ба диссертатсияи Сафарова Фируза Мадабидовна дар мавзуи "Методикаи арзёбии дониши хаттии довталабон дар асоси натиҷаи имтиҳонҳои марказонидаи дохилшавӣ ба муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёна ва олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон – кори хаттӣ (эссе)" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.5.3. – Назария ва методикаи таълими забони тоҷикӣ пешниҳод шудааст, шунида, баррасӣ карда,

**ҚАРОР ҚАБУЛ КАРД:**

1. Диссертатсияи Сафарова Фируза Мадабидовна дар мавзуи "Методикаи арзёбии дониши хаттии довталабон дар асоси натиҷаи имтиҳонҳои марказонидаи дохилшавӣ ба муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёна ва олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон – кори хаттӣ (эссе)" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.5.3. – Назария ва методикаи таълими забони тоҷикӣ ба ҳимоя кабул карда шавад.

2. Муқарризони расмӣ таъин карда шаванд:

– **Шербоев Саидбой** – узви вобастаи Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи методикаи таълими забон ва адабиёти тоҷики ДБЗХТ ба номи Сотим Улуғзода;

– **Турсунова Мунаввара Аъзамовна** – номзади илми филология дотсенти кафедраи методикаи таълими забон ва адабиёт Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ.

3. Ба сифатӣ муассисаи пешбар **Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав** таъин гардад.

4. Барои ҷойгир намудани эълони ҳимоя, матни диссертасия ва автореферати он дар сомонаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис ва фиристодани он ба суроғаҳои таъиншуда иҷозат дода шавад.

6. Таърихи баргузории ҳимояи 15 **декабри соли 2026 соати 11.00** муқаррар карда шавад.

**Натиҷаи овоздиҳӣ:** тарафдор – 15 нафар, муқобил – нест, бетараф – нест.

**Якдилона қабул карда шуд.**

**Раиси шурои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои педагогӣ, профессор** Мухаметов Г.Б.

**Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,**
**номзади илмҳои педагогӣ, дотсент** Абдуллоева Т.М.